**Шохабурӣ ва шаклдиҳии дарахтони тухмакдор**

Шохабурӣ яке аз чорабиниҳои асосии агротехникӣ буда, аз хусусиятҳои биологии навъҳо, пеш аз ҳама аз тарзи ҳосилбандии онҳо вобастагӣ дорад. Дарахтони себро аз рӯи ҳосилбандӣ Жан-Мари Лестинос ба чор гурӯҳ ҷудо кардааст:



**1.** Тарзи ҳосилбандии «спурӣ» – дар дарахтони ин гурӯҳ шакли шохҳои ҳосилдеҳ махрути (конусӣ) буда, узвҳои ҳосилдеҳ дар қисми поёнии шохҳо ҷойгиранд. Қисмати ҳосилдеҳи шох ба шохтана наздик ҷойгир мебошад. Ин тарзи ҳосилбандӣ ба навъҳои Старкримсон, Ред чиф, Ред кап, Ред апке хос аст.



**2.** Тарзи ҳосилбандии «Рен де Ренет» – дар дарахтони ин гурух шохҳои ҳосилдеҳ кушодааст. Узвҳои ҳосилдеҳ асосан дар шохчаҳои 2-5 - сола ҷойгир мебошанд, ки аз он миқдори зиёди навдаҳо меванавдаҳо мебошанд.



3. Тарзи ҳосилбандии «Голден делишес» - дарахтони навъҳои ин гурӯҳ шоху шохчаҳои бисёри ба ҳар тараф равона доранд. Узвҳои ҳосилдеҳ дар қисми болои шоху навдаҳои 1- 3 - сола ҷойгир мебошанд. Ба ин гурӯҳ навъҳои «Айдаред», «Ренет Симиренко», «Бере берн», «Элстар», «Джонаголд» шомиланд.



**4.** Тарзи ҳосилбандии «Грани Смит» – узвҳои ҳосилдеҳи навъҳои ин гурӯҳ одатан дар нӯги навдаҳои ҷавони 1-2 - сола ҷойгир мешаванд. (Расми 14.) Навдаҳои ҳосилдеҳ шакли хамидаи табиӣ доранд, ки камивазкуниро талаб мекунад. Ба ин гурӯҳ навъҳои «Грани Смит», «Флорина», «Фуджи», «Интерпрайс» ва ғайра тааллуқ доранд.

Дар боғдории интенсивӣ бештар усули бо дарозӣ буридани навдаҳоро истифода мебаранд, ки ба пайдоиши зиёди узвҳои ҳосилдеҳ имконият медиҳад. Бо ин усул шохчаҳои ҳосилдеҳро умуман дар давраи инкишофёбӣ кӯтоҳ намекунанд. Ҳамин тавр, дар як муддати кӯтоҳ навдаҳои гуногуни ҳосилдеҳ пайдо мешавад.

Чор хели навдаҳои ҳосилдеҳ маълум аст:

- дар шохсори дарахт, дар шохҳои сесола ва аз он солхӯрдатар узвҳои калонсоли ҳосилдеҳ ҷойгиранд ва муғчаҳои гулдиҳанда дар халтамеваҳо ба вуҷуд меоянд, ки ин муғчаҳо иқтидори баланди ҳосилбандӣ надоранд.



- дар шохчаҳои дусола муғчаҳои ҳосилдеҳи пурқувват пайдо мешавад.

- дар меванавдаҳои муғчаҳои гулдиҳанда дар нуги навда пайдо мешаванд ва қобилияти ниҳоят баланди меваи хушсифат ҳосил карданро доранд.

- дар навдаҳои яксола муғчаҳои омехта пайдо мешавад, ки қобилияти пасти гулдиҳӣ ва ҳосилбандиро соҳибанд.

Талаботи муғчаҳои гулдиҳанда мутаносибан ба иқтидори шумораи баргҳо, ки барои мева «кор» мекунанд, баробар аст. Қайд намудан зарур аст, ки муғчаҳое, ки дар шохсори дарахт ҷойгир мебошанд, шумораи начандон зиёди баргро нисбат ба мева соҳибанд ва аксаран мева аз ҳисоби дастабаргҳои майда ғизо мегирад. Ба ғайр аз ин чунин баргҳо нури офтобро пурра аз худ карда наметавонанд. Дар ин маврид таносуби барг/мева ба 1/1 баробар аст.



Меваҳое, ки дар шоххои дусола пайдо мешавад, вобаста аз ҷойгиршавиашон барг/мева таносуби 2,5-5/1 – ро мегиранд.

Мева дар меванавда бисёр вақт таносуби 10/1 –ро дошта, рӯшноиро хуб истифода мебарад.

Дар навдаҳои ҳосилдиҳандаи омехта ин таносуб ба 3/1 баробар аст.

Ғайр аз ин вобаста аз хели узвҳои мевадиҳанда, муҳлати гулшукуфоӣ гуногун мегузарад: ин раванд аз узвҳои пир сар шуда, дар навдаҳои ҷавон ба охир мерасад.

Дар ҳолати дар дарахт мавҷуд будани хелҳои гуногуни узвҳои мевадиҳанда, баъзе солҳо давраи гулшукуфоӣ метавонад 4 ҳафта давом кунад. Ҳамин тавр, дар охири мавсим вақти ҷамъоварии ҳосил меваҳои ҳаҷман хурду калон ба назар мерасад, ки ин вобаста аз гирифтани ғизо дар давоми мавсим-таносуби барг/мева ва муҳлати гулкунӣ вобастагӣ дорад.

Шарти асосии усули сарборикунӣ барои парвариши мева, дар интихоби муғчаҳои босифат ва баробар ҷойгир кардани онҳо дар дарахт мебошад. Ин тарзи сарборикунӣ дар боғҳои қобилияти баланди маҳсулнокидошта гузаронида мешавад.

**ИНСТИТУТИ БОҒУ ТОКПАРВАРӢ ВА САБЗАВОТКОРӢ**
**734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21а**
**тел.: (992 37) 2-27-08-01; 91-773-11-33; 918-74-60-19**
**E-mail: bogparvar@mail.ru**
**www.bogparvar.tj**

## АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН

## ИНСТИТУТИ БОҒУ ТОКПАРВАРӢ ВА САБЗАВОТКОРӢ

# ШОХАБУРӢ ВА ШАКЛДИҲИИ ДАРАХТОНИ ТУХМАКДОР



**ДУШАНБЕ, 2024**